**Суратмаҷлиси № 18**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 24 декабри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 61 тасдиқгардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 8 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррас+ишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи докторанти PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи «**Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)**».

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссия ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ М. Нарзиқул, аъзои комиссияи ташхис Б. Мақсудов, У. Сафаров баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи докторанти PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи «**Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)**» ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;

- **Олимӣ Хосият Ҳоким** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 08.04.2021, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.